Как видно из приведённых в табл. 5 данных, реализация принятых законодательных документов будет способствовать увеличению количества туристов к 2030 г. по сравнению с 2017 г. в 5,8 раза, количества зарегистрированных субъектов, оказывающих услуги в сфере отдыха и лечения – в 2,2 раза и дохода от услуг в сфере туризма – в 6,2 раза; вклад туризма в ВВП к 2030 г. увеличится на 6,8 процентных пункта, а в доходы государственного бюджета на 2,954 процента. Реализация намеченных мероприятий будет способствовать повышению позиции

Таджикистана в рейтинге гостеприимных стран, который проводит Всемирный экономический форум, на 57 пунктов и страна достигнет к 2030 г. 50 места.

В качестве приоритетных направлений развития туристско-рекреационного комплекса могут быть рассмотрены такие виды туристских услуг как: санаторно-курортное лечение и отдых; альпинизм, горно-спортивный и экологический туризм; историко-познавательный, этнографический и сельский туризм; деловой туризм; рафтинг; горнолыжный спорт; охота для иностранных туристов.

На сегодняшний день в Республике Таджикистан достаточно стабильным является экономический рост, формируется инвестиционный климат для проведения целенаправленной политики по развитию и совершенствованию туристско-рекреационного комплекса. Это позволит привлечь в отрасль иностранные и отечественные инвестиции, что позволит реализовать перспективные проекты совершенствования сферы туристских услуг и выйти на международный уровень.

Для привлечения инвесторов как внутренних, так и внешних, одним из методов является рейтинговая оценка инвестиционных проектов, или туристских зон, или территорий, или новых видов туристских услуг. Этим определяется возможность решения краткосрочных, среднесрочных и долгосрочных задач управления туристско-рекреационным комплексом.

Как показывает мировой опыт, формирование, эффективное развитие и совершенствование туристско-рекреационного комплекса происходит на базе соответствующей инфраструктурной системы, которая включает в себя транспорт, связь, банки, гостиничные услуги, биржи, торговлю, страховые компании и т.д.

Следовательно, формирование туристско-рекреационного комплекса, как единой социально-экономической системы, создание эффективного экономического механизма его функционирования и соответствующей международным стандартам инфраструктуры позволит сформировать благоприятный инвестиционный климат и сформировать предпосылки для конкурентоспособности на мировом рынке.

Таким образом, совершенствование системы управления туристско-рекреационным комплексом, как приоритетной сферы национальной экономики и ее движущейся силы, требует выработки концептуально нового подхода к его государственному регулированию и управлению. Представляется, что в рамках такого концептуального подхода важна региональная детализация, которая может быть представлена в виде региональных программ взаимодействия.

## III. ВЫВОДЫ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ

### А) Основные научные результаты диссертации

В ходе исследования вопросов совершенствования системы управления туристско-рекреационного комплекса в условиях укрепления рыночной экономики в Республике Таджикистан были сделаны следующие выводы и предложения.

1. Туристско-рекреационные услуги в Республике Таджикистан представляют собой одно из перспективных и конкурентоспособных направлений формирующейся рыночной экономики. Предприятия и учреждения, задействованные в данной отрасли экономики, и

функционирующие на основании как рыночных, так и государственных методах регулирования, содействуют удовлетворению потребностей граждан страны и иностранных туристов-рекреантов на познавательное путешествии, отдых и санаторно-курортное лечение.

Как показывает мировой опыт, развитие туристско-рекреационной деятельности способствует увеличению ВВП страны, оказывает положительное влияние на платёжный баланс, способствует росту занятости населения, развитию регионов, а в целом росту всей экономики [3-А].

2. Туристско-рекреационная отрасль на сегодняшний день является одной из динамично развивающихся видов экономической деятельности:

- несомненно повышается уровень благосостояния населения, т.е. на основе роста материального благосостояния населения, происходит увеличение среднего класса в обществе;

- происходит перераспределение между занятым и свободным временем в сторону увеличения последнего;

- урбанизация общества способствует созданию новых видов туристских услуг;

- положительные демографические сдвиги в обществе стимулируют рост туристско-рекреационных услуг;

- несомненно, технологические изменения ведут к повышению качества предоставляемых услуг [9-А].

3. В связи с ростом потребностей в туристско-рекреационных услугах в обществе, необходимо решать комплекс многосложных задач с разработкой и реализацией подходов в планировании, организации, мотивации и контроле, иными словами в управлении туристско-рекреационным комплексом, как единой социально-экономической системы.

Следовательно, особые условия функционирования данного вида экономической деятельности, предъявляют определённые требования к вопросам совершенствования управления системы туристско-рекреационным комплексом [4-А].

4. Природные, лечебно-оздоровительные, социально-культурные, региональные подсистемы представляют собой единый взаимосвязанный туристско-рекреационный комплекс страны. В связи с этим, туристско-рекреационные зоны, т.е. территории с высокой концентрацией туристских и рекреационных ресурсов, выступают как неотъемлемая часть туристско-рекреационного комплекса, одной из основных задач которых является защита и охрана природных ресурсов [10-А].

5. Значительное влияние на формирование и развитие туристско-рекреационного комплекса страны, а также на совершенствование системы его управления оказывают следующие факторы:

- развитая институциональная база туристской индустрии;

- условия формирования цен на туристские и рекреационные услуги;

- государственная политика поддержки туристской индустрии;

- политика привлечения инвестиций в развитие и совершенствование туристской деятельности и её инфраструктуры;

- повышенный платёжеспособный спрос со стороны туристов;
- уровень качества туристских и рекреационных услуг;
- развитие национальной экономики [1-А].

6. Богатые природные ресурсы Таджикистана, наличие культурно-исторических ценностей на территории страны предопределили формирование туристско-рекреационных услуг, как одного из приоритетных направлений экономической деятельности. Тем не менее быстрое развитие туристско-рекреационного комплекса и постоянно меняющаяся конъюнктура рынка, предопределяют государственное регулирование в сфере туристских услуг. В связи с этим особую важность приобретают два направления: (1) государственная поддержка туристско-рекреационного комплекса с помощью монетарных и фискальных инструментов; (2) совершенствование нормативно-законодательной базы [11-А].

**Б) Рекомендации по практическому использованию результатов**

7. Наиболее эффективными мерами государственной поддержки туристско-рекреационного комплекса, на наш взгляд, могут выступать разработанные на государственном уровне программы регионального и точечного развития туристских и рекреационных услуг.

При решении указанных задач весьма продуктивным может быть использование зарубежного опыта государственной поддержки развития туризма, разумеется, творчески переосмысленного и скорректированного применительно к конкретным условиям Республики Таджикистан и её отдельных регионов.

Эффективное использование иностранных инвестиций в туристско-рекреационной сфере безусловно будет способствовать качественному развитию предоставляемых услуг [7-А].

8. Создание благоприятных условий для развития всех видов туристско-рекреационных услуг является основной заботой государства. Однако в особой поддержке со стороны государства нуждаются внутренний и социальный туризм, как массовые виды туризма.

Внутренний туризм способствует хозяйственному и социальному развитию регионов, малых и средних городов, сельских территорий; отвечает задаче рационального использования местных ресурсов; стимулирует формирование в регионах комплекса учреждений инфраструктуры и отраслей сферы обслуживания. Это позволит рационально использовать трудовые ресурсы, в относительно короткие сроки обеспечить прирост поступлений в местные бюджеты, расширит местный потребительский рынок, активизирует аграрный комплекс регионов [15-А].

9. Социальный туризм выступает как форма государственного, а также регионального стимулирования различных видов массового туризма (рекреационного, культурно-познавательного, лечебного и т.п.). Это - одна из приоритетных государственных задач. Социальный туризм предоставляет услуги значительной категории потенциальных потребителей, пока отстраненных от подобных туристских услуг в силу социальной незащищенности, возможность пользоваться ими. Общедоступный социальный

туризм также служит мощным фактором экономического развития, но требует проведения соответствующей социальной политики [18-А].

10. К важным направлениям совершенствования системы управления туристско-рекреационного комплекса Республики Таджикистан можно отнести следующие:

- создать доступный кадастр туристско-рекреационных зон для строительства объектов туриндустрии. Введение этого института будет содействовать установлению прозрачности и открытости операций с туристско-рекреационными зонами, а также предотвратит заключение сделок заведомо незаконного характера. Инвестор, обращаясь с запросом в такой реестр, будет относительно защищен от действий третьих лиц мошеннического характера;

- устранить барьеры, возникающие у субъектов малого и среднего предпринимательства при входе на рынок туризма и функционировании на нём, возможно путем совершенствования нормативно-правовой базы и выработки действенных механизмов контроля за её соблюдением;

- разработать и установить квалификационные минимумы для отдельных категорий сотрудников туристско-рекреационной деятельности, чьи функциональные обязанности требуют профессиональных знаний, опыта и навыков;

- разработать правовые и экономические механизмы по созданию благоприятного инвестиционного климата для развития и совершенствования индустрии туризма;

- разработать и запустить веб-сайты в интернете, посвященные Таджикистану, как стране с богатыми природно-сырьевыми и минеральными ресурсами, а также огромным туристско-рекреационным потенциалом [23-А].

11. Совершенствование системы управления туристско-рекреационным комплексом предполагает создание государственных структур на различных уровнях.

Для перехода на траекторию устойчивого развития регионов с рекреационной специализацией определяющую роль будет играть оздоровление макроэкономической ситуации. Для повышения устойчивости регионального развития потребуются такие экономические меры, как устранение препятствий на пути развития мелкого, среднего и крупного предпринимательства; участие государственной власти в разделе и снижении уровня экономического риска при создании новых туристско-рекреационных услуг; ослабление или отмена административных и фискальных мер, которые препятствуют внедрению новых методов управления региональным развитием [5-А].

12. Для решения задач управления туристской индустрией в Таджикистане потребуется, на наш взгляд, целый комплекс условий и мероприятий:

- политическая воля государства по формированию целевой программы развития экологического рынка услуг в рекреационной сфере;

- совершенствование экологического законодательства. Разработка законодательных и подзаконных актов, регламентирующих льготное налогообложение прибыли предприятий, выполняющих услуги и работы экологического характера или производящих продукцию экологического назначения, в том числе в рекреационной сфере;

- усиление финансирования НИР и ОКР в области охраны окружающей среды из различных источников;

- смена моделей традиционного природопользования и, в частности, переход на рациональной рекреационной земле-, водо- и лесопользование;

- совершенствование механизмов изменения форм собственности и купли-продажи хозяйственных объектов с учетом задач сохранения и восстановления природной среды (включая обязательства по проведению реабилитационных мероприятий в рекреационных зонах);

- повышение уровня экологического образования и культуры населения страны (по значимости этот пункт должен идти с приоритетом) [8-А].

13. Исследование состояния и проблем развития туристско-рекреационного комплекса республики позволило определить следующие приоритетные направления стратегии развития туристско-рекреационного комплекса, учитывающие особенности спроса на отечественные туристские услуги и конъюнктуру рынка иностранного туризма:

- обеспечение реальной приоритетности государственной поддержки социального туризма;
- достаточное обеспечение материально-техническими, транспортными средствами, предприятиями торговли, выставочными площадками, спортивными сооружениями и трудовыми ресурсами с учетом прогнозируемого потока иностранных туристов;
- развитие общехозяйственной инфраструктуры и коммунальных услуг в туристских центрах;
- подготовка специалистов на уровне, соответствующем международным стандартам;
- организация надежной системы безопасности туристов;
- интеграция республики в систему мирового туристского рынка и развитие международного сотрудничества в области туризма;
- содействие развитию и внедрению на туристском рынке РТ прогрессивных технологий туристского обслуживания;
- создание условия для приоритетного развития внутреннего въездного туризма;
- развитие отраслевой туристской науки, осуществляющей комплексные базовые научные исследования в сфере туризма на республиканском и региональном уровнях [2-А].

## IV. СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ РАБОТ

**а) Публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А] Одилова Р.К. Постановка организационно-методических проблем создания и развития рекреационного комплекса в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2011. - №12 (76). - С. 111-116 (0,4).

[2-А] Одилова Р.К. Обоснование региональной политики страны и поддержка развития туристско-рекреационного комплекса страны // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2011. - №12 (76). - С. 62-65 (0,2).

[3-А] Одилова Р.К. Проблемы формирования и развития регионального туристско-рекреационного комплекса в республике Таджикистан // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2012. - №1 (30). - С. 56-64 (0,56).

[4-А] Одилова Р.К. Проблемы развития туристско-рекреационной деятельности в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ. - Душанбе, 2012. –№2 (45). - С. 197-199 (0,2).

[5-А] Одилова Р.К. Таҳлили қиёсии рушди минтақаҳои сайёҳӣ-рекреатсионии Тоҷикистон // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2012. – №2 (45). - С. 206-209 (0,25).

[6-А] Одилова Р.К. Проблемы подготовки кадров в рекреационной сфере // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе 2015. - № 6 (49). - С. 141-146 (0,37).

[7-А] Одилова Р.К. Таҳлили ташкили идораи соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Точикистон // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2016. - № 2/1 (193). - С. 174-178 (0,3).

[8-А] Одилова Р.К. Роль государственной независимости в укреплении ценностей природного туризма страны // Вестник Педагогического университета (Естественных наук). – Душанбе, 2019. - № 1-2 (1-2). - С. 93-99 (0,4).

[9-А] Одилова Р.К. К вопросу о развитии туристско-рекреационной сферы в Таджикистане // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2020. - № 1 (69). - С. 71-78 (0,5).

[10-А] Одилова Р.К. Формирование системы управления туристско-рекреационным комплексом/Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2020. - №2 (70). - С. 82-86 (0,3).

[11-А] Одилова Р.К. Некоторые методы управления туристско-рекреационным комплексом страны // Журнал Института экономики и демографии НАНТ «Экономика Таджикистана». – Душанбе, 2020. - № 2. - С. 127-130 (0,25).

[12-А] Одилова Р.К. Институциональные вопросы развития рекреационно-туристской сферы в Республике Таджикистан // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2020. - № 3(84). – С. 55-63.

[13-А] Одилова Р.К. Краткая характеристика зарубежного опыта управления туристско-рекреационным комплексом //Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». - Душанбе, 2020. - № 4 (72), - С. 119-130 (0,75).

[14-А] Одилова Р.К. Особенности управление персоналом в туристско-рекреационном комплексе // Журнал Института экономики и демографии НАНТ «Экономика Таджикистана». – Душанбе, 2020. – № 4. - С. 127-130 (0,25).

[15-А] Кодирзода Д.Б., Одилова Р.К. Территориальный аспект управления туристско-рекреационным комплексом // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2021. - №1 (73).

[16-А] Кодирзода Д.Б., Одилова Р.К. К вопросу о формировании правовой базы регулирования туристско-рекреационным комплексом // Государственное управление. Научно-политический журнал Академии государственного

управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. – №2(51). – С. 15-21 (0,37).

**б) Публикации в других изданиях:**

[17-А] Одилова Р.К. Таджикистан: процесс реформ необратим / Переходная экономика. Теория и практика. Специфика рыночной трансформации в Казахстане и Центральной Азии. Сравнительные перспективы. Летний университет. - Алматы, 2000. – С. 111-117 (0,4).

[18-А] Одилова Р.К., Махмадиев И.М. Развитие туризма как способ интеграции горных территорий Таджикистана в мировую экономику // Вестник Института предпринимательства и сервиса (научно-теоретический журнал). – Душанбе, 2002. – №8. - С. 134-137 (0,25).

[19-А] Одилова Р.К. Воздействие социальной политики на развитие санаторно-оздоровительного комплекса горных регионов Республики Таджикистан в условиях перехода к рынку /Экономические проблемы сокращения уровня бедности в Республике Таджикистан//Материалы республиканской научно-практической конференции (21-22 октября 2004 года). – Душанбе, 2004 г. – С. 190-193 (0,25).

[20-А] Одилова Р.К. Гендерные особенности женской занятости // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир». - Душанбе, 2005. – №1 (5). - С. 71-80 (0,8).

[21-А] Одилова Р.К. Предпосылки и перспективы рекреационного развития горных территорий /Материалы научно-теоретической конф. профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 60-летию победы в Великой отечественной войне «Во имя мира и счастья на Земле». Ч.1. – Душанбе, 2005. (на тадж. яз.). – С. 127-128 (0,1).

[22-А] Одилова Р.К. Некоторые вопросы продовольственной безопасности в горных регионах Республики Таджикистан /Материалы республиканской научно-практической конференции «Продовольственная безопасность Республики Таджикистан». – Душанбе, 2005. – С. 229-232 (0,4).

[23-А] Одилова Р.К. Предпосылки формирования горно-рекреационных комплексов / Материалы Научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «15-й годовщине Независимости Республики Таджикистан», «2700-летию города Куляба» и «Году арийской цивилизации». Ч.1. – Душанбе, 2006. – С. 180-181 (0,1).

[24-А] Одилова Р.К. Состояние и перспективы развития туризма в Республике Таджикистан /Материалы Научно-теоретической конф. профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «800-летию поэта, великого мыслителя Мавлоно Джалолиддина Балхи» и «16-й годовщине Независимости Республики Таджикистан». Ч.1. – Душанбе, 2007. – С. 273-274 (0,1).

[25-А] Одилова Р.К. Особенности функционирования и развития отрасли туризма в Республике Таджикистан /Проблемы управления социально-экономическими процессами в Республике Таджикистан //Республиканский круглый стол (27 марта 2008г). – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 164-168 (0,3).

[26-А] Одилова Р.К. Социально-экономическая стратегия регулирования развития рекреационных зон в регионе /Региональная политика как часть

национальной стратегии развития //Материалы респуб. научно-практической конференции (17-18 декабря 2009). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 104-111 (0,5).

[27-А] Одилова Р.К. Социальные аспекты качественного демографического роста /Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 20-летию государственного образования Республики Таджикистан и 60-летию Академии наук РТ, Институт демографии (24 мая 2011 г.). – Душанбе, 2011. – С. 113-121 (0,56).

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

УДК 338.48(575.3)
ББК: 75.81(2Т)
О - 42

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА**

# ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ САЙЁҲИЮ-РЕКРЕАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ихтисос: 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент**

**Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

**Душанбе – 2021**

**Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст**

**Роҳбари илмӣ** **Қодирзода Диловар Бахриддин,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович,** доктори илмҳои географӣ, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Сафарӣ Умед Анвар,** номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори филиал-муовини сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Ҳимояи диссертатсия санаи «26» июни соли 2021, соати 9:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои докторӣ ва номзадии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон https://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» _____________ соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мухиммияти мавзӯи таҳқиқот.** Сармояи инсонӣ омили муҳимми ҷомеаи муосири пешрафта буда, рушди он ҳадафи асосӣ ва шарти зарурии фаъолияти давлат дар давраи дарозмуддат мебошад. Вобаста ба ин, барқарорсозии қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон, таҳкими саломатӣ ва нигоҳ доштани қобилияти меҳнатии инсон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи дилхоҳ давлат дониста мешавад. Дар ин миён яке аз соҳаҳои ба барқарорсозии қабилиятҳои меҳнатии инсон мусоидаткуананда ва ба саломатии миллат таъсири калон дошта сайёҳӣ мебошад.

Шароитҳои нодири табиӣ-иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ басо мусоид мебошанд. Тоҷикистон аз захираҳои об, аз ҷумла захираи обҳои маъданӣ хело бой мебошад, ки мавриди таваҷҷӯҳи сайёҳон қарор дошта, ба захираҳои рекреатсионӣ мансубанд ва қисми муҳимми саноати сайёҳиро ташкил медиҳанд.

Вазифаҳои идоракунии комплекси сайёҳию-рекреатсионӣ ошкор намудани тамоюлу қонуниятҳои рушди он, инчунин муайян кардани самтҳои асосии такмилдиҳии хизматрасониҳои сайёҳиву рекреатсионӣ мебошад. Сайёҳӣ чун соҳаи устувор рушдкунандаи иқтисоди милливу ҷаҳонӣ дар баробари мусоидат намудан ба барқарорсозии қобилиятҳои инсон, инчунин ба рушди чандин соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонад. Ин қонуниятро назарияи иқтисодӣ самараи мултипликативӣ меномад, яъне рушди сайёҳӣ ба тараққии соҳаҳои дигар, ба монанди нақлиёт, алоқа, сохтмон, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмоли омма мусоидат мекунад. Саноати сайёҳӣ ҷузъи муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар буда, мустақиман ва ғайримустақим ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Солҳои охир хизматрасониҳои сайёҳию-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд намуда истодаанд, ки ин ба афзоиши таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт мусоидат намуд. Дар таҳқиқотҳо масъалаҳои ташаккулёбии заминаҳои институтсионалии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, таърихи сайёҳӣ, рушди самтҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ, масалан сайёҳати аграриву деҳот, мардумшиносӣ, экологӣ ва ғ., инчунин омодасозии кадрҳои баландихтисосу масъалаҳои расонидани хизматрасониҳои меҳмонхонадорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, кӯшиши ба низом даровардани донишҳои илмӣ-назариявию методии оияндабинии иқтисодии рушди сайёҳӣ сурат гирифтааст.

Аммо баррасии адабиёти иқтисодӣ нишон дод, ки доир ба масъалаи ташаккулёбӣ ва такмилдиҳии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ чун объекти идоракунии том, таҳияи қоидаҳои асосии методии бунёди инфрасохтори ҳудудии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ аммалан таҳқиқот анҷом нашудааст ва ин ҳолат мубрамияти таҳқиқотро асоснок менамояд.

**Сатҳи омӯзиши масъала.** Таҳлилу баррасии адабиёти соҳавӣ аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба масъалаҳои рушду идоракунии ҳама намуд комплексҳои сайёҳиву рекреатсионӣ (КСР) ва минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионӣ (МСР) таваҷҷуҳ дошта, асарҳои бунёдии арзишманд иншо намуда, таҷрибаи амалии ғаниро дар асарҳои илмии худ инъикос кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои идоракунӣ ва ташкили ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда, инчунин таҳқиқи асосҳои институтсионалии

ташаккулёбии соҳаи сайёҳӣ, баҳодиҳии иқтидори рекреатсионии ҷумҳурӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар асарҳои олимон Ғаниев Т.Б., Ёров Ҷ.Н., Исайнов Ҳ.Р., Кадирова М.И., Қодирзода Д.Б., Комилов С.Ҷ., Муминова Ф.М., Муҳаббатов Х.М., Обидов Ф.С., Одинаев Ҳ.А., Рахимов Р.К., Сангинов Д.Ш., Сафаров У.А., Собиров М.С., Султанов З.С., Умаров Х.У., Усманова Т.Ҷ., Ҳакимова А.Х., Шарипова Х.Р. ва диг.

Баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва масъалаҳои рушди рекреатсионӣ дар асарҳои олимони Россия, ба монанди Азар В. И., Александрова А.Ю., Амирханов М.М., Балабанов И.Т., Биржаков М.Б., Гуляев Б.Г., Жукова М. А., Кабушкин Н.И., Кварталнов В.А., Кузнетсов Ю.В., Курбатов К., Макекадирова А.С., Файбусович Э.Л. Чудnаковский А.Д., Элвартанова И.В., Яброва О.А. ва диг. матраҳ гардидаанд.

Аммо, бо вуҷуди иншо гардидани асарҳои зиёд дар ин мавзӯъ, ҳанӯз ҳам масъалаҳои такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсия чун низоми том, ки яке аз соҳаҳои ояндадори рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, амалан таҳқиқ нашудаанд.

Ҳамин тариқ, таҳияи стратегияи ташаккулёбӣ ва рушди комплекси сайёҳиву рекреатсия чун объекти ягонаву томи иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва зарурати таҳияи равишҳои асосии методологӣ баҳри коркарди консепсияи сохтори ҳудудӣ-соҳавӣ мубрамияти таҳқиқоти мазкурро асоснок намуданд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ асосноккунии назариявии равишҳои асосӣ, марҷаи ҳадаф, усулҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ (КСР) ва қисматҳои он дар маҳалҳо, инчунин минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионии (МСР) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти тадқиқот** соҳаи сайёҳиву рекреатсионӣ чун низоми идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодии том мебошад.

**Предмети тадқиқот** муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дар раванди идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ фароҳам меомада мебошанд.

Зарурати расидан ба мақсади тадқиқот ҳалли чунин **вазифаҳои асосиро** тақозо менамояд:

- таҳқиқи масъалаҳои идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор;
- арзёбии асосҳои методии баҳодиҳии иқтидори сайёҳиву рекреатсионӣ баҳри истифодаи боз ҳам самараноктари усулҳои муосири идоракунӣ;
- баҳодиҳии ҳолати муосири соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқ намудани асосҳои институтсионалии ташаккули соҳаи саёҳӣ ва баҳо додан ба иқтидори рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баррасӣ намудани асосҳои методии идоракунии давлатӣ ва бозории комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, чун объекти ягонаи идоракунӣ;
- асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба банақшагирии индикативӣ, такмилдиҳии сиёсати минтақавии иқтисодӣ,

пайваст будан ба шароитҳои табиву захираҳои меҳнатӣ ва мероси таърихӣ-фарҳангии ҳудуди муайян.

**Методҳои тадқиқот.** Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлил ва синтези иқтисодӣ, дедуксия ва индуксия, баҳогузории қиёсӣ, гурӯҳбандии иқтисодӣ, таҳлили омилӣ, таҳлили динамикӣ ва муқоисавии маълумотҳои оморӣ, инчунин усулҳои абстрактӣ-мантиқӣ, ҳисобҳои конструктивӣ, сотсиологӣ ва таҳлили функсионалӣ истифода гардиданд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракуниии хоҷагии халқ (менеҷмент)-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, ба бандҳои 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнеси феҳристи шиносномаи мазкур мувофиқат мекунад.

**Марҳалаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2000-2020 иҷро шудааст.

**Базаи асосии иттилоотӣ ва эксперименталии таҳқиқот**ро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дастурҳои методӣ дар соҳаи таҳқиқот, барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва маҳаллӣ, маълумотҳои оморӣ ва аналитикии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришу ҳисоботҳои аналитикии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корхонаву муассисаҳои соҳаи сайёҳӣ, инчунин мушоҳидаҳои муаллиф ва маводи интернет ташкил доданд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиони**ро истифодаи мақсадноку саҳеҳи маълумоти омори расмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот ва истифодаи ҳаҷми калони иттилооти ибтидоӣ собит месозад, ки ин ба мо имкон дод, то доир ба масъалаҳои такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом диҳем.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз системакунонии донишҳои илмӣ-назариявӣ дар бораи ташаккул ва рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун объекти идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодии том иборат мебошад.

Навгониҳои илмии нисбатан муҳимме, ки диссертант шахсан ба онҳо ноил гардидааст ва ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешаванд, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- ҷанбаҳои назариявии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ чун низоми иҷтимоӣ-иқтисодии том тадқиқ шудаанд, ки рушди босуботу муназзами соҳаи сайёҳиро дар кишвар таъмин хоҳад кард;

- масъалаҳои идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст, ки, аввалан, аз фаъолият баҳри ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ҷиҳати роҳандозии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар саноати сайёҳӣ иборат аст, баъдан, фаъолият баҳри интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзонидан ва такмили ихтисос намудани онҳо, инчунин фаъолиятест баҳри истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ ва иттилоотии мавҷуд буда, солисан, фаъолият баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад.

- асосҳои методии арзёбии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ баррасӣ гардидааст, ки барои самараноктар истифода бурдани усулҳои муосири идоракунӣ мусоидат намуда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ ва рушди инфрасохтории дестинатсияҳо равона хоҳад шуд;

- ҳолати кунунии соҳаи сайёҳӣ баҳогузорӣ шуда, ташаккулёбии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ чун объекти иҷтимоӣ-иқтисодии том собит гардида, динамика ва тамоюли рушди саноати сайёҳӣ таҳлил шудааст; ин ҳама нишон доданд, ки дар ҷумҳурӣ тамоми заминаҳои таҳияи равиши консептуалии амалан такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ мавҷуд буда, рушди босубот ва муназзами соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳо, марказҳои сайёҳӣ ва умуман дар тамоми ҷумҳурӣ таъмин мегардад;

- асосҳои институтсионалии ташаккули соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ гардида, иқтидори рекреатсионии ҷумҳурӣ ва роҳҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ таҳлил гардиданд, ки ин имкон дод зарурати такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва баромадан ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ошкор гардад;

- мувофиқати усулҳои асосии идоракунии давлатӣ ва бозории комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ чун объекти идоракунии том муқаррар карда шуд, ки ин имкон медиҳад, то талаботи дохиливу хориҷӣ ба хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ қонеъ гардонда шавад, номутаносибии минтақавии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ кам карда шавад, инфрасохтори тараққикарда бунёд шуда, талабот ба захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ муайян карда шавад;

- самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ бар асоси банақшагирии индикативӣ, такмилдиҳии сиёсати иқтисодии минтақавии пайваст ба маҳалли мушаххас бо назардошти захираҳо, иқтидори меҳнатӣ ва мероси таърихиву фарҳангии он коркард ва асоснок шудаанд.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия.** Осори олимони ватаниву хориҷӣ доир ба масоили назариявӣ-методологӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар ва минтақаҳои он, бунёду пешрафти минтақаҳои сайёҳию рекреатсионӣ пойдевори ҳалли вазифаҳои гузошташуда гардиданд. Моҳияти омӯзиши масоили такмилдиҳии низоми идоракунии фаъолияти сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ҳосилшударо олимону мутахассисони соҳаи идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ муҳокима карда метавонанд. Аз ин хотир, омӯзиши масоили такмилдиҳии

идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ, такмилдиҳии механизмҳои идоракунии он, ошкор намудани муаммоҳо ва ҳалли самараноки онҳо баҳри рушди босуботи саноати сайёҳӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ дорад.

**Аҳамияти амалии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи пешниҳоду тавсияҳо баҳри такмили низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ ва минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ иборат мебошад, ки зимни қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ва роҳбарони субъектони хоҷагидорӣ метавонанд истифода шаванд. Баъзе пешниҳодҳо баҳри рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионии кишвар зимни таҳияи "Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" истифода шуданд (санади татбиқ аз 07.01.2020, таҳти №12/дс). Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои амалии таҳқиқот ҳангоми таҳияи дастурҳои таълимӣ-методӣ, нақша ва барномаҳои таълим дар ихтисосҳои равияҳои "Иқтисодиёт" ва "Менеҷмент", аз ҷумла дар ихтисоси "Иқтисодиёт ва идоракунии сайёҳӣ" метавонанд истифода шаванд (санади татбиқ аз 23.01.2020, таҳти №17-05).

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Бо такя ба натиҷаҳои дар рафти таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда, нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- асосҳои назариявии идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ чун низоми иҷтимоӣ-иқтисодии том пажӯҳиш шудааст;
- таҳлил ва арзёбии комплексии иқтидори сайёҳию рекреатсионӣ бо назардошти шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва рушди минбаъдаи комплекси сайёҳӣ гузаронида шудааст;
- ҳолат ва тамоюли рушди комплекси сайёҳию рекреатсионӣ таҳлил гардида, хулоса шудааст, ки иқтидори азими рекреатсионӣ ва захираҳои калони сайёҳии ҷумҳурӣ заминаи қавии ташаккули комплекси байнисоҳавӣ мебошанд, ки метавонад шуғли маҳсулнок, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва имиҷи дарозмуддати мусбати ҷумҳуриро таъмин намояд;
- пешниҳод шудааст, ки комплекси сайёҳию рекреатсиониро чун низоми идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодии том ташкил намуда, онро ҳам бо истифода аз усулҳои бозорӣ (арза, тақозо, нарх, бунёди рақобат дар бозор) ва ҳам давлатӣ (андозу буҷет, молиявӣ-қарзӣ ва ғ.) танзим намоянд;
- самтҳои афзалиятноки рушд ва роҳҳои такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ шахсан аз ҷониби муҳаққиқ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро шахсан таҳия ва коркард намудааст. Асосҳои назариявии механизми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ баррасӣ шудааст. Зарурати такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ чун низоми иҷтимоӣ-иқтисодии том асоснок гардидааст. Исбот гардидааст, ки самаранокии бештарини идоракунии комплекси ссайёҳиву рекреатсионӣ он гоҳ ҳосил мегардад, ки агар он низоми ягонаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бошад. Роҳҳои такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Ғайр аз ин, дар асоси таҳлил ва омӯзиши нишондиҳандаҳо ҳолати кунунӣ ва тамоюли рушди фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигар ошкор ва асоснок

шудаанд. Инчунин шароитҳои асосии ба дараҷаи рушди фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ таъсиргузор муайян гардида, самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҳосил гардидани натиҷаҳо аз ҷамъоварии иттилоот, коркарди он, сохторбандӣ, шарҳу тавзеҳ, таҳлил ва даврабандии мавзӯъ ва инчунин дар пешниҳоди тавсияҳои амалӣ доир ба истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва татбиқи амалии онҳо дар мисоли Туркия ва Россия иборат мебошад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Нуктаҳои меҳварии назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2004-2019 дар якчанд конференисияи илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввари байналмилаливу ҷумҳуриявӣ матраҳ ва муҳокима шуда, мусбат арзёбӣ гардиданд. Аз ҷумла, дар конференсияи ҷумҳуриявии илмиву амалии "Муаммоҳои иқтисодии паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 21-22 октябри соли 2004) дар мавзӯи "Таъсири сиёсати иҷтимоӣ ба рушди комплекси санаториву солимгардонии минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба бозор"; дар конференсияи илмӣ-назариявии устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 15 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Соли тамаддуни Ориёӣ (Душанбе, 14 сентябри 2006) дар мавзӯи "Заминаҳои ташаккулёбии комплексҳои кӯҳӣ-рекреатсионӣ"; дар конференсияи илмӣ-назариявии устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 800-солагии шоир ва мутафаккири барҷаста Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва 16 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 26 октябри 2007) дар мавзӯи "Ҳолат ва дурнамоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"; дар мизи мудаввари ҷумҳуриявии "Муаммоҳои идоракунии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 27 марти 2008) дар мавзӯи "Махсусиятҳои амалкард ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"; дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Сиёсати минтақавӣ чун қисми стратегияи миллии рушд" (Душанбе, 17-18 декабри 2009) дар мавзӯи "Стратегияи иҷтимоӣ-иқтисодии танзими рушди минтақаҳои рекреатсионӣ дар минтақа" маърӯзаҳо ироа гардиданд. Инчунин, дар муҳокимарониҳои конференсияҳои "Пешвои миллат – ташаббускори рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ" (Душанбе, 21 апрели 2018) ва "Нақши истиқлолияти давлатӣ дар рушди сайёҳиву ҳунаҳои мардумӣ" (Душанбе, 4 сентябри соли 2019) иштирок намуд.

Баъзе натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ зимни баргузории дарсҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанҳои "Иқтисоди миллӣ", "Танзими давлатии иқтисоди миллӣ", "Сохтори иқтисоди миллӣ", "Иқтисод ва идораи минтақа" ва ғ. барои донишҷӯёни факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода гардиданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Муаллиф вобаста ба мавзӯи диссертатсия 27 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 9,92 ҷузъи чопӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисолаи диссертатсиониро** пайдарпаии мантиқии таҳқиқот ва вазифаҳои гузошташуда муайян намуданд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо нӯҳ фасл, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертасияя дар ҳаҷми 205 саҳифа навишта шуда, аз 12 ҷадвалу 10 расм ва 194 номгӯи адабиёт иборат мебошад.

## СОХТОР ВА МУҲТАВОИ РИСОЛА

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, дараҷаи коркарди мавзӯъ ошкор ва объекту предмет, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии рисола муайян гардидааст.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методологии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** равишҳои консептуалии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, замина ва шароитҳои ташаккулёбии он, инчунин усулҳои арзёбии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби дуюм "Таҳлили ҳолат ва тамоюли рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** фароҳамёбӣ, ҳолати кунунӣ ва рушди низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, механизмҳои танзими давлатӣ ва бозории соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ гардидааст.

**Дар боби сеюм "Самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** муаллиф самтҳои афзалиятноки такмили усулҳои идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ коркард намуда, роҳҳои такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кардааст.

Дар қисмати хотимавии рисола **хулосаву пешниҳодҳо** доир ба такмилдиҳии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Шароитҳои табиӣ-иқлимии Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ нодиру муносибанд. Ҷумҳурӣ аз захираҳои обу чашмаҳои маъданӣ ва кӯҳу дараҳои хуш обу ҳаво бой аст, ки сарвати рекреатсионӣ маҳсуб шуда, сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, заминаи рушди соҳаи сайёҳию рекреатсионӣ мебошанд.

Вазифаи идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ аз ошкор намудани тамоюлҳои асосӣ ва қонуниятҳои рушди соҳа, инчунин муайян кардани роҳҳои асосии такмилдиҳии хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, зарурати такмили фаъолияти гуногунҷанбаи соҳаи сайёҳӣ, яъне фароҳам сохтани комплекси сайёҳию рекреатсионӣ чун низоми иҷтимоӣ-иқтисодии том пеш меояд.

Идоракунии соҳаи сайёҳӣ фаъолиятест, ки аввалан ба фароҳам сохтани базаи институтсионалӣ баҳри ҷараён гирифтани равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ равона шудааст; баъдан, фаъолиятест, ки ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзондану аз такмили ихтисос гузаштани онҳо алоқаманд буда, ба истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва дигар баҳри беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ роҳандозӣ мешавад; сеюм, фаъолиятест, ки ба беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ робита дорад.

Вобаста ба он ки комплекси сайёҳию рекреатсионии иқтисоди миллӣ аз минтақаҳои ҷумҳурӣ бо захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ ва минтақаҳои махсуси сайёҳату рекреатсияи онҳо фароҳам меояд, ба ақидаи мо, комплекси сайёҳию рекреатсионии кишварро метавон чунин тафсир дод.

*Комплекси сайёҳию рекреатсионии* мамлакат аз зернизомҳои табиӣ, сайёҳӣ, табобативу солимгардонӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ иборат аст, ки низоми ягонаву томи бо ҳам алоқаманд мебошад.

Вобаста ба ин, метавон низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии ҷумҳуриро дар шакли кураи чандқабата тасвир кард (расми 1).




Расми 1. Макро- ва микромуҳити доираи сайёҳию рекреатсионӣ

Рушди мутавозини комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ аз алоқамандии муназзам ва оқилонаи компонентҳои макро- ва микромуҳити он вобастагии калон дорад, ки дар шакли курра тасвир намудем. Дар маркази ин курра бозори хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ иборат аз *истеъмолкунандагон,* дар шахси сайёҳону рекреантҳои ватаниву хориҷӣ, ва *хизматрасонҳо,* дар шахси ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳу муассисаҳои солимгардонӣ ва ғ. меистад. Макросатҳ аз иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин идоракунии соҳавӣ ва минтақавии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ иборат аст. Микросатҳ аз он субъектҳои комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ иборат аст, ки бевосита хизматҳои сайёҳиву рекреатсионӣ мерасонанд. Ба андешаи ин ҷониб, ҳар чи қадаре қабати курра ба маркази он наздик бошад таъсиру алоқамандии он ба бозори хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионии мушаххас бештар аст ва баръакс, ҳар чи қадаре қабат аз маркази курра дур бошад таъсири он заиф мегардад. Ҳамзамон, ҳар чи қадаре қабати кура болотар аз қабатҳои дигар бошад, яъне қабатҳои дигарро пӯшонад, таъсири он ба қабатҳои дарунӣ ва умуман ба соҳа бештар паҳн мешавад.

Мебояд тазаккур дод, ки дар шароити муосир омилҳои беруна ҳар чи бештар ба фаъолияти комплекси сайёҳию рекреатсионӣ таъсир мерасонанд. Ин таъсир аз омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва технологӣ иборат мебошад. Дар расми 2 хусусиятҳои мусбат ва манфии омилҳои ба фаъолияти комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар таъсиррасон оварда шудааст.

Таъсири мусбат ва манфии омилҳоро ба фаъолияти комплекси сайёҳию рекреатсионӣ таҳлмл намуда метавон хулоса кард, ки солҳои охир омилҳои беруна ба талаботи сайёҳони хориҷӣ ба хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ таъсири ҳалкунанда доранд. Ба чунин омилҳо метавон буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва оқибати он - коҳиши пардохтпазирии сайёҳони хориҷӣ, паҳншавии босуръати вируси COVID-19 ва пандемияи аз он бархоста ва оқибати он баста шудани сарҳадҳо ва қатъи мусофирати байналмилалиро нисбат дод.

Аз ин рӯ ширкатҳои сайёҳӣ ҳар чи бештар сайёҳони дохилиро ҷалб намуда, барои онҳо ҳар гуна хизматрасониҳои нав меофаранд. Ин хизматрасониҳо аз рӯи принсипи “наздиктар, арзонтар, кӯтоҳтар” роҳандозӣ мешаванд. Чунин тағйирёбии сиёсату амалҳои маркетингӣ дар аксар давлатҳо самти афзалиятноки фаъолият баҳри муҳофизати соҳаи сайёҳию рекреатсионӣ аз буҳрони ҳалокатбор гардид.

Ба андешаи мо, таҷрибаи Туркия, Россия, Қазоқистон ва Қарғизистон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ буда метавонад. Туркия аз давлатҳои маҳсуб мешавад, ки баҳри рушди соҳаи сайёҳиву рекреатсионӣ ҳам фишангҳои идоракунии давлатӣ ва ҳам механизмҳои худтанзимкунии бозорро моҳирона истифода кардааст. Россия давлатест, ки на танҳо захираҳои азим барои рушди сайёҳату рекреатсия дорад, балки солҳои охир ҳар чи бештар баҳрабардории ин иқтидорро ҳавасманд сохта, чораҳои муассир баҳри рушди соҳа бо истифода аз усулҳои танзим ва идоракунии давлатӣ меандешад. Қазоқистон давлатест, ки заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рушди комплекси сайёҳию рекреатсиониро фаъолона такмилу тақвият медиҳад. Қирғизистон бошад ба ҷумҳурии мо аз рӯи захираву имконоти рушди соҳаи сайёҳиву рекреатсионӣ бисёр шабоҳат дорад.

Туркия солҳои аввали рушд додани соҳаи сайёҳӣ инфрасохтори муносиб надошт ва барои чунон таҳаввули ин соҳаи иқтисодиёт тамоман омода набуд. Аммо фазои мусоиди сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ ва дахолат накардани давлат ба фаъолияти субъектони бозори сайёҳӣ самараи худро дод. Ин маврид механизми худтанзимкунии бозор амал кард, давлат бошад мавқеи назоратчиро интихоб карда, аз нақши танзимгари ягонаи равандҳои ҷамъиятӣ даст кашида, ин корро ба сохторҳои соҳибкорӣ дод. Туркия мисоли равшани модели иқтисодиёти кушода мебошад.

| Омилҳои таъсиррасон | Таъсиррасониҳо | |
|---|---|---|
| | **мусбат** | **манфӣ** |
| ***Омилҳои сиёсӣ*** | - Ҳукуматҳо барои дастрас будани раводиди кишварашон ҳар чӣ бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд;<br>- дар шароити бӯҳрон сайёҳати дохилӣ фаъолтар мегардад, ҳукуматҳо низ ин равандро дастгирӣ мекунанд | - зимни бад шудани вазъи сиёсӣ дар минақа шумораи сайёҳони хориҷӣ, аз ҷумла рекреантҳо коҳиш хоҳад ёфт;<br>- мушкилу печида кардани тартиби дарёфти раводид ҳам барои сайёҳони инфиродӣ ва ҳам барои гурӯҳи сайёҳон |
| ***Омилҳои иқтисодӣ*** | - бо сабаби шиддат ёфтани рақобат миёни корхонаву ташкилотҳои сайёҳӣ сатҳи хизматрасонӣ баланд мегардад;<br>- тараққӣ додани минтақаҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба рушди корхонаҳои сайёҳии ватанӣ мусоидат намуда, ин корхонаҳо манбаи иловагии даромади буҷети кишвар ва минтақаҳои он мегарданд | - коҳиш ёфтани талабот ба хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ аз сабаби паст шудани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ;<br>- суст шудани фаъолнокии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ аз сабаби кам шудани талабот ба хизматрасонии онҳо |
| ***Омилҳои иҷтимоӣ*** | - афзудани талаботи дохилӣ ба хизматрасониҳои рекреатсионӣ ва вобаста ба ин фаъолгардонии имконоти дохилии рушд;<br>- тавсеаи фаъолият баҳри коркарди маҳсулоту хизматрасониҳои нави ба талаботи ҷадиди сайёҳон-рекреантҳо ҷавобгӯ | - кам кардани харидории хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ аз сабаби ноустувории даромадҳо ва ё коҳиши онҳо;<br>- коҳиши шумораи сайёҳон аз сабаби паҳншавии вируси COVID-19 ва баста шудани сарҳадоту қатъи мусофират |
| ***Омилҳои экологӣ*** | - ҳар чи бештар баланд шудани ҳисси масъулияти экологӣ миёни сайёҳон-рекреантҳо ва майли онҳо ба сӯи дар ҷойҳои сайру сайёҳат изи экологии баробар ба сифр доштан;<br>- коҳиши шумораи сайёҳон ба кам шудани партофтҳо ба табиат ва беҳтар шудани вазъи экологӣ дар минтақаҳои рекреатсионӣ мегардад | - бад шудани вазъи муҳити зист аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузории чорабиниҳои ҳифзи табиат;<br>- афзудани хатари фалокатҳои техногенӣ аз сабаби маблағгузории нокифояи иншоотҳои техникӣ;<br>- афзудани офатҳои табиӣ аз сабаби тағйирёбии иқлим |
| ***Омилҳои технологӣ*** | - афзудани пешниҳоди ҳар гуна таҷҳизоту абзори технологӣ барои хизматрасонии сайёҳон | - бад шудани хизматрасониҳои техникии корхонаҳои комплекси сайёҳию рекреатсионӣ аз сабаби коҳиш ёфтани имконоти молиявии онҳо |

**Расми 2. Омилҳои ба фаъолияти комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар таъсиррасон**

Давлат барои сохтмони объектҳои соҳаи сайёҳӣ қитъаҳои заминро ба муддати 49 сол ба иҷора медод.Ислоҳоти низоми андоз гузаронида шуда, имтиёзҳои муайян муқаррар гардиданд. Масалан, аз соҳибкоре, ки объекти сайёҳӣ бунёд мекард, то мавриди баҳрабардорӣ қарор додани он андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ситонида намешуд. Барномаи қарзҳои давлатӣ ба соҳибкорони соҳаи сайёҳӣ фаъолона татбиқ мегардид. Аввалин сармоягузорон шаҳрвандони Фаронса ва ИМА буданд, каме баъдтар шаҳрвандони Туркия низ ба ин раванд ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷа Туркия ҳамасола бештар аз 20 млн сайёҳи хориҷиро қабул мекунад.

Бунёди комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, чун соҳаи афзалиятноку ҳаракатдиҳандаи иқтисоди милии кишвар таҳияи равиши нави консептуалиро нисбат ба танзиму идоракунии давлатӣ тақозо менамояд. Мо аз он бар меоем, ки зимни таҳияи чунин равиши косептуалӣ тақсимбандии минтақавии он дар шакли барномаҳои минтақавии ҳамкориҳои мутақобила ва рушд зарур аст.

Барномаҳои рушди сайёҳӣ, ки дар ҷумҳурӣ мунтазам қабул ва мавриди татбиқ қарор мегиранд, сазовори диққати махсус мебошанд. Ҳанӯз соли 1997 Ҳукумати ҷумҳурӣ “Барномаи чораҳои аввалиндараҷаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1997-1998”-ро қабул кард. Баъдан соли 2003 - “Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009”, соли 2009 - “Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014”, соли 2014 - “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017”, соли 2017 - “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”, соли 2018 – “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қабул гардиданд. Бояд тазаккур дод, ки дар доираи ҳар як барномаи қабул гардида, маҷмӯи чорабиниҳои татбиқи он таҳия ва мавриди амал қарор мегирифт.

Барномаҳои доир ба рушди сайёҳӣ қабулшуда ва чораҳои татбиқи онҳо, бегуфтугӯ ба такмили идоракунии соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуданд. Чунончи, Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ гардид ва бо чандин кишварҳои ҷаҳон созишнома доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расонд; барои шаҳрвандони 110 давлати ҷаҳон низоми содакардашудаи додани раводиди ҷумҳурӣ, инчунин низоми электронии дарёфти раводиди ҷумҳурии мо ҷорӣ гардид; 4 фурудгоҳи байналмилалӣ ва 2 ширкати ҳавопаймоии ватанӣ фаъолият доранд; 3 меҳмонхонаи панҷситарадори брендҳои байналмилалӣ, бештар аз 70 объекти солимгардонӣ ва беш аз 160 меҳмонхона меҳмонону сайёҳонро хизмат мерасонанд. Бидуни шак, ҳамаи ин аз эътирофи соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад.

Хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқамандиҳои зиёдеро миёни субъектони гуногуни хоҷагидорӣ, аз қабили хизматрасониҳои нақлиётӣ, меҳмонхонадорӣ, алоқа ва ғайраро дар назар дорад, ки комплекси ягонаи томро таҷассум мекунанд. Мебояд боз як хусусияти соҳаи сайёҳиро таъкид кард – ин ҳам бошад пайваст будан ба ҳудуди муайян бо захираҳои табиию меҳнатӣ ва мероси таърихиву дараҷаи рушди муосири он. Ҳамаи ин ҳалли комплексии вазифаҳои мушкили идоракунӣ ва танзими ҳам комплекси ҳудудии сайёҳиву рекреатсионӣ ва ҳам дар маҷмӯъ тамоми саноати сайёҳиро тақозо менамояд.

Аз ин хотир, идоракунии самараноки комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ зимни истифодаи механизмҳои танзими ҳам бозорӣ ва ҳам давлатӣ ҳосил мегардад. Мақсад ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии минтақавӣ афзалиятҳои танзими давлатиро инъикос намуда, аз ташхиси муаммоҳои минтақа, талаботи стратегияи рушди миллӣ ва минтақа, вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ бар меоянд.

Барои арзёбии иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон SWOT-таҳлили соҳаро мегузаронем, ки яке аз воситаҳои универсиалии таҳлили ҳолат мебошад. Онро инчунин метавон зимни таҳияи стратегияи рушди соҳаи сайёҳии минтақаҳо истифода кард (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 1.**

**SWOT-таҳлили соҳаи сайёҳӣ-рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Паҳлӯҳои қавии рушди сайёҳӣ** | **Паҳлӯҳои заифи рушди сайёҳӣ** |
|---|---|
| - захираҳои табиӣ-иқлимии бою рангин;<br>- мероси пурғановати таърихӣ-фарҳангӣ;<br>- вазъи экологии мусоид;<br>- мавҷуд будани захираҳои мухталиф барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ: таърихӣ, маърифатӣ, илмӣ, мардумшиносӣ, экологӣ, варзишӣ;<br>- мавқеи стратегии ҷуғрофӣ;<br>- шабакаи тавсеаёбандаи нақлиётӣ (фурудгоҳҳои байналмилаливу минтақавӣ ва инфрасохтори дигар) | - нархи баланди хизматрасониҳои сайёҳӣ дар бозорҳои дохиливу байналмилалӣ;<br>- номувофиқии хизматрасониҳои сайёҳӣ ба стандартҳои байналмилалӣ;<br>- мавсимӣ будани хизматрасониҳои сайёҳӣ бинабар шароитҳои иқлимӣ;<br>- рақобати суст миёни меҳмонхонаҳо;<br>- набудани базаи ягонаи иттилоотӣ дар бораи субъектони фаъолияти сайёҳӣ;<br>- норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи сайёҳӣ |
| **Имконот** | **Хатарҳо** |
| - доштани робитаҳои байналмилалӣ;<br>- доштани имконот баҳри рушди шаклҳои гуногуни сайёҳӣ;<br>- имкони омезиши якчанд намуди сайёҳӣ;<br>- имкони ҷалби бештари сайёҳон аз давлатҳои дуру наздик;<br>- имкони рушди инфрасохтори сайёҳӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳо;<br>- баланд бардоштани ҷолибияти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи устуворонаи сиёсати маркетингии муаррифии онҳо;<br>- имкони азнавтаҷҳизонии базаи истеҳсолӣ | - номукаммал будани базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ;<br>- талаботи пасти аҳолӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>- рақобати шадид аз ҷониби давлатҳои дигар;<br>- рақобати ширкатҳои ватании сайёҳӣ бо ширкатҳои хориҷӣ;<br>- нархи гарони роҳхатҳои сайёҳӣ аз сабаби қимати баланди роҳкиро;<br>- набудани барномаи дастгирии ширкатҳои сайёҳии бо ҷалбу хизматрасонии сайёҳони хориҷӣ сару кор дошта |

Бо такя ба SWOT-таҳлили гузаронида муаллиф чунин монеаҳои асосии рушди сайёҳии воридотӣ ва дохилиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард:

- тараққии сусти инфрасохтори сайёҳӣ дар баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, инчунин ҳолати ғайриқаноатбахши иншоотҳои сайёҳӣ, хӯрдашавии ҷисмонӣ ва маънавии базаи моддӣ-техникии муассисаҳои истироҳативу солимгардонӣ, рушди нокифояи сатҳи хизматрасонии соҳаҳои дигар;

- мавҷуд набудани сиёсати ягонаи маркетингии ба пешбурди хизматрасониҳои маркетингӣ равона шуда, набудани низоми мураттаби иттилооти оморӣ баҳри пайгирии динамикаи рушди соҳа;
- мувофиқат накардани арзиши хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ва дигар хизматрасониҳо марбут ба соҳа ба сифати онҳо, тахассусмандии нокифояи ҳайати кадрӣ дар соҳа, ташаккул наёфтани низоми муттасили омодасозии кадрҳо барои соҳаи сайёҳӣ;
- аз сабаби дур ҷойгир будан дар арзиши умумии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳиссаи хароҷотҳои нақлиётӣ калон аст;
- бартарӣ доштани сайёҳат ба хориҷа нисбат ба қабули сайёҳони хориҷӣ, номуккамал будани базаи меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи сайёҳати воридотӣ ва дохилӣ;
- маблағгузории нокифоия соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ, хусусияти мавсимӣ доштани қабули сайёҳон ва ғ.

SWOT-таҳлили гузаронидашуда ба муаллиф имкон дод, то чунин хулосаи ҷамъбастӣ барорад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати ҳадафманди ба захираҳои мавҷуда такя кунанда, метавон таъсири аксар паҳлӯҳои заифи иқтидори сайёҳиро безарар гардонд.

Ба омилҳои рушди ҷолибияти соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон инҳоро нисбат дод:
- шароитҳои нодири табиӣ-иқлимӣ ва мероси пурғановати таърихӣ-фарҳангӣ;
- омоданамоии мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ барои соҳаи сайёҳӣ;
- тамоюли афзоиши ширкатҳои сайёҳӣ, дар бозори меҳнат мавҷуд будани қувваи кории озод;
- мавҷуд будани фурудгоҳҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои калонтарини кишвар (Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар).

Ба ақидаи мо барои рушди сайёҳӣ андешидани чораҳои зерин зарур аст:
- базаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии рушди сайёҳиро такмил додан;
- таҳия ва ҷорӣ намудани тартиби ихтиёрии сертификатсияи сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- таҳия ва татбиқи чораҳои дастгирии моддии ширкатҳои сайёҳие, ки ба сайёҳони хориҷӣ хизмат мерасонанд (додани имтиёз дар пардохти иҷорапулии амволи мақомоти маҳаллӣ ва замин, муқаррар намудани имтиёзҳо дар пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғ.);
- муккамал гардондани низоми омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои сайёҳӣ, баргузор намудани семинарҳо бо иштироки мутахассисони хориҷӣ;
- дастгирии иттилоотӣ намудан ба ширкатҳои сайёҳӣ дар самти пешбарии хизматрасониҳои сайёҳӣ, нашри маводи иттилоотӣ (каталогҳо, буклетҳо ва ғ.).

Ҳама чорабиниҳои пешниҳодшуда барои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам сохтани соҳаи сайёҳии рақобатпазир хизмат намуда, имкон медиҳанд, ки талаботи сайёҳон ба хизматрасониҳои босифати сайёҳӣ қонеъ гардонда шаванд, ҷойҳои нави кор таъсис дода шавад, ҷолибияти

инвеститсионии ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад, пардохтҳои ба буҷети давлатӣ зиёд гарданд, сатҳи некӯаҳволии мардум баланд бардошта шавад.

Таҳлили ҳолати кунунии сайёҳии воридотӣ ва дохилӣ дар кишвар нишон дод, ки сатҳи рушди он аз рӯи нишонаҳои сифатӣ ва микдорӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Дар давоми солҳои 1991-2019 коҳиши баҳрабарии аҳолӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар камшавии ҳиссаи ин гуна хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз 40,28% дар соли 1991 то 0,25% дар соли 2019 зоҳир мегардад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Ҳиссаи хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ, бо % нисбат ба ҳаҷми умумии хизматрасониҳо**

| Хизматрасониҳои пулакӣ | 1991 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳама хизматрасниҳо | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Хизматрасониҳои сайёҳӣ ва экскурсионӣ | 4,17 | 0,03 | 0,02 | 0,04 | 0,05 | 0,08 |
| Хизматрасониҳои соҳаҳои фарҳанг ва варзиш | 33,33 | 0,01 | 0,02 | 0,01 | 0,02 | 0,03 |
| Хизматрасониҳои соҳаҳои фарҳанг ва варзиш | 2,78 | 0,40 | 0,4 | 0,44 | 0,52 | 0,41 |

**Манбаъ:** Ҳисоб шудааст: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2011. – С. 733-735; Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016. – С. 443-444; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 428.

Чуноне аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, нисбат ба соли 1991 коҳиши чашмраси ҳиссаи хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ аз рӯи ҳама нишондиҳандаҳо дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи таҳлилшаванда коҳиши хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ ба 4,09 фоиз, коҳиши хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзиш ба 33,3 фоиз, коҳиши хизматрасониҳои санаторию солимгардонӣ ба 2,37 фоиз мушоҳида мешавад. Чунин коҳиш, пеш аз ҳама, аз сабаби фарсуда шудани базаи моддӣ-техникии соҳаи сайёҳӣ, шумораи ками мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои санаторию солимгардонӣ ва ташкили заифи идоракунии хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба амал омад.

Дар рафти таҳқиқот муйян гардид, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди комплекси сайёҳию рекреатсионӣ хусусигардонии моликият таъсири асосӣ дошт, зеро муносибат ба моликият дар кишвар иваз гардид. Пайдо шудани шаклҳои нави хоҷагидории хоси иқтисоди бозорӣ (ҶС, корхонаҳои муштарак ва хусусӣ) ба фароҳам омадани муносибатҳои нави ба механизмҳои бозорӣ асосёта дар ташаккулёбӣ, тақсим ва баҳрабарӣ аз хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ боис гардид. Қисматҳои асосии механизми бозор (нарх, талабот, таклифот ва рақобат) ҳар чи бештар ба вазъи ҷории комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар таъсир мерасонанд (ҷадвали 3).

Аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, ки солҳои 2017 ва 2018 дар муқоиса ба соли 1991 хизматҳои сайёҳӣ-экскурсионӣ пурра аз ҷониби бахши хусусӣ расонида шуданд, аммо соли 2019 дигарбора 4,0% ин хизматрасониҳо аз ҷониби бахши давлатӣ расонида шуд. Тибқи омори мазкур дар хизматрасониҳои сайёҳӣ-экскурсионӣ ва тарбияи ҷисмониву варзиш саҳми бахши хусусӣ динамикаи устувори рушд дорад. Ҳамзамон, саҳми бахши давлатӣ дар хизматрасониҳои санаторию солимгардонӣ ҳанӯз ҳам бориз аст ва солҳои наздик ин таносуб боқӣ хоҳад монд.

**Ҷадвали 3**

**Сохтори ҳаҷми хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ ба аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият, бо % нисбат ба ҳаҷми умумии хизматрасониҳо**

| | 1991 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хизматрасониҳои пулакӣ, ҳамагӣ** | | | | | | |
| - моликияти давлатӣ | 76,4 | 11,7 | 13,9 | 16,1 | 20,5 | 17,7 |
| - моликияти ғайридавлатӣ | 23,6 | 88,3 | 86,1 | 83,9 | 79,5 | 82,3 |
| **Хизматрасониҳои сайёҳӣ-экскурсионӣ** | | | | | | |
| - моликияти давлатӣ | 100,0 | 14,3 | 4,8 | 0 | 0 | 4,0 |
| - моликияти ғайридавлатӣ | 0 | 85,7 | 95,2 | 100 | 100 | 96,0 |
| **Хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** | | | | | | |
| - моликияти давлатӣ | 100,0 | 57,1 | 50,0 | 45,4 | 11,1 | 17,6 |
| - моликияти ғайридавлатӣ | 0,0 | 42,1 | 50,0 | 54,6 | 88,9 | 82,4 |
| **Хизматрасониҳои санаторию солимгардонӣ** | | | | | | |
| - моликияти давлатӣ | 100,0 | 54,4 | 49,8 | 51,3 | 41,8 | 54,6 |
| - моликияти ғайридавлатӣ | 0,0 | 45,6 | 50,2 | 48,7 | 58,2 | 45,4 |

Манбаъ: Ҳисоб шудааст: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2011. – С. 733-735; Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016. – С. 443-444; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 428.

Дар умум сохтори хизматрасониҳои пулакӣ ба сӯи афзоиши ҳиссаи моликияти хусусӣ тағйир ёфт. Чунин тағйирёбии сохтори хизматрасониҳои пулакӣ мебоист ба ҷалби шумораи бештари сайёҳон оварда, даромади буҷети давлтиро аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ зиёд кунад.

Нишондиҳандаи дигар, ки сифати ҳозираи хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсиониро инъикос мекунад, муқоисаи суръати афзоиши аҳолӣ бо нишондиҳандаҳои асосии соҳаи тандурустӣ мебошад. Ҳамин гуна, дар давраи солҳои 1991-2019 шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 65,8% зиёд шуд, аммо дар ин давра миқдори катҳо дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ба андозаи 32,2% кам гардид, миқдори кат ба ҳар 10 ҳаз. одам 58,7%, шумораи духтурон ба 10 ҳаз. одам ба андозаи 18,0%, шумораи ҳайати миёнаи кормандони тибб ба ҳар 10 ҳаз. одам ба андозаи 23,2% коҳиш ёфт (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4**

**Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи тадурустии ҷумҳурӣ (ба охири сол)**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои табобатӣ, воҳид | 374 | 474 | 479 | 484 | 490 | 494 | 131,0% |
| Шумораи катҳо дар онҳо, ҳазор адад | 59,6 | 39,0 | 39,8 | 40,1 | 40,4 | 40,7 | 67,8% |
| Шумораи катҳои беморхонаҳо ба 10 ҳаз. нафар аҳолӣ | 107,2 | 45,6 | 45,5 | 44,9 | 44,3 | 43,7 | 41,3% |
| Шумораи духтурони ҳамаи ихтисосҳо, ҳаз. нафар | 14,1 | 17,8 | 18,0 | 18,7 | 19,1 | 19,3 | 135,5% |
| Таъминот бо духтурон, ба 10 ҳаз. нафар аҳолӣ | 25,5 | 20,8 | 20,6 | 21,0 | 20,9 | 20,7 | 82,0% |
| Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ, ҳаз. нафар | 42,8 | 46,0 | 49,4 | 51,8 | 54,0 | 55,6 | 126,2% |
| Таъминот бо кормандони миёнаи тиббӣ, ба 10 ҳаз. нафар аҳолӣ | 77,1 | 53,8 | 56,5 | 58,0 | 59,2 | 59,7 | 76,8% |

Манбаъ: Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2011. – С. 6; Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016. – С. 6; Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 5.

Ҳатто ба назардошти ба андозаи 35,5% афзудани шумораи духтурон вазъи баамаломада аз маҳдуд гардидани имконоти табобат дар беморхонаҳо ва муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ шаҳодат медиҳад. Ин ҳолат, дар навбати худ, зарурати пешгирии ҳатмии бемориҳоро миёни ҳама қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро асоснок мекунад, зеро аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар таъмини истеҳсолот ва фароҳам сохтани дороии миллӣ сармояи инсонии калидӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо вазифаи муҳимму стратегии инкишоф додану ҳавасманд сохтани талабот ба хизматрасониҳои рекреатсионӣ аҳамияти нав касб мекунад, зеро солимгардонии аҳолӣ фишорро ба муассисаҳои табобатӣ коҳиш медиҳад.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда дар баҳрагирӣ аз иқтидори сайёҳию рекреатсионӣ дурнамои истифодаи онро мебояд муайян кард. Вобаста ба ин, яке аз ҷанбаҳои муҳим ин таҳияи модели ташкилӣ-идоракунии рушди соҳаи сайёҳию рекреатсионии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои нодиру нотакрори табиӣ-иқлимӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва бунёди минтақаҳои рекреатсионӣ дорад (расми 3). Аммо, дар аксар минтақаҳои ҷумҳурӣ объектҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ пароканда ҷойгир шуда, роҳу нақлиёти дастрас надошта, ҳолати ҷисмониашон фарсуда аст ва комплексӣ нестанд. Аз ин рӯ, вазъияти мавҷудаи танзими объектҳои рекреатсионӣ бори дигар зарурати такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии ҷумҳуриро собит месозад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ самтҳои зерини такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок дониста шудаанд: бунёди заминаи меъёрию ҳуқуқии муосир бо мақсади фароҳам сохтани шароити мусоид баҳри рушди иқтисодӣ; рушди инфрасохтори умумӣ ва маҳаллӣ барои таъмини ҳаракати озоду будубоши бароҳат ва қонеъсозии талаботи сайёҳон; омодасозии кадрҳои баландихтисос барои тамоми ҳалқаҳои комплекси сайёҳию рекреатсионӣ; анҷом додани таҳқиқоти маркетингӣ бо мақсади муайян кардани мавқеи ҷумҳурӣ дар бозори ҷаҳониву минтақавии сайёҳӣ; муайян кардану рушди намудҳои афзалиятноки сайёҳиву фаъолияти осоишгоҳӣ; экологикунонии истифодаи сарватҳои рекреатсионӣ.

Бо зиёд шудани теъдоди сайёҳони хориҷӣ ва, мувофиқан, даромад аз фаъолияти сайёҳӣ, имконоти боз ҳам такмил додани идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ меафзояд, ки ин соҳаро яке аз соҳаҳои рақобатпазири иқтисоди кишвар мегардонад. Ҳамзамон зарур аст, ки дар баробари ҷорӣ кардани шаклҳои нави хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин усулҳои идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ такмил ёбанд, объектҳои наву муосири инфрасохторисайёҳӣ бунёд гардад, амнияти сайёҳон таъмин гардад ва алоқаи мобиливу интернети баландсуръат барои онҳо дастрас бошад.

**Минақаҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақа | Ноҳия | Тавсиф |
|---|---|---|
| **Ноҳияҳои тобеи марказ** | **Ноҳияи иқлимии Ҳисор** | Захираҳои рекреатсионии минтақа аксаран аз обҳои маъданӣ иборатанд. Дар тавозуни обҳои маъданӣ 7 сарчашма ба қайд гирифта шудааст: Хоҷа-Оби Гарм, Явроз, Шоҳамбарӣ, Кофарниҳон, Сангхок, Шоҳамбарии Нав, Комсомол. Дар 5 сарчашмаи аввала курорту осоишгоҳ бо таъйиноти зайл амал мекунанд: байналмилалӣ (Хоҷа-Оби Гарм); ҷумҳуриявӣ (Явроз, Шоҳамбарӣ) ва маҳалӣ (Кофарниҳон). |
| | **Ноҳияи иқлимии Рашт** | Иқтидори рекреатсионии чашмаҳои гарми Оби Гарм баҳрабарӣ шуда, осоишгоҳ ҳамном амал мекунад. Баҳрабарӣ аз чашмаҳои гарми Тандиқул (н. Лахш) дар ҳоли ташаккулёбӣ аст. Иқтидори рекреатсионии минтақа ба таври зарурӣ аз худ нашудааст. |
| **Вилояти Суғд** | **Ноҳияи иқлимии Шимол** | Захираҳои рекреатсионии минтақа – обҳои маъданӣ (Ҳавотоғ ва Обишифо бештар маъруфанд) ва лойҳои шифобахш (кӯли Оқсукони ноҳияи Ашт). Осоишгоҳҳо - Зумрад, Ҳавотоғ, Ӯро-Теппа. |
| | **Ноҳияи иқлимии Зарафшон** | Релефи минтақа барои ташкили сайёҳати пиёдагардии мушкилоташ мухталиф, машғул шудан ба намудҳои махсуси варзиш, монанди кӯҳнавардиву сангнавардӣ, рафтинг мувофиқ аст. Ноҳия дорои шароитҳои бойи гидрографӣ ва гидрологӣ мебошад, 9 чашмаи маъданӣ ошкор шудааст. Искандаркӯл дар ҳамин водӣ аст. |
| **Вилояти Хатлон** | **Ноҳияи иқлимии Вахш** | Дар минтақа мамнӯъгоҳи Бешаи Палангон, Чилучорчашма, обанборҳои зиёд ва захираҳои дигари таъйиноти рекреатсионӣ ҷойгиранд, ки дар оянда метавон дар ин ҷой сайру сайёҳати шиносоӣ ва истироҳатӣ ташкил ва низ иншоотҳои сайёҳию рекреатсионӣ бунёд кард. |
| | **Ноҳияи иқлимии Кӯлоб** | Захираҳои рекреатсионии минтақа – обҳои маъдании (Қизилсӯ-Танобчӣ) ва лойҳои шифобахш (таркиб хлориди натрий, д. Танобчӣ, ноҳ. Темурмалик). Минтақаҳои табиӣ-рекреатсионӣ – мамнӯъгоҳи Даштиҷум, ёдгории табиии Чилдухтарон, Сари Хосор, кӯҳи намаки Хоҷа Мӯъмин ва ғ. |
| **Горно-Бадахшанская автономная** | **Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ** | Оби маъдании Гармчашма, Авҷ, кӯли Сарез, Булункӯл, Зоркӯл ва ғ.. қалъаҳои Қаҳқаҳа, Ямчун ва ғ. |

**Расми 3. Иқтидори табиӣ-иқлимии рушди комплекси сайёҳию рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди комплекси сайёҳию рекреатсионӣ аз рӯи “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5**

**Ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

| № | Нишондиҳандаҳо (ҳадафҳо) | 2017 | 2020 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи сайёҳон хориҷӣ (ҳазор нафар) | 430,9 | 1000,0 | 1600,0 | 2500,0 |
| 2. | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД (%) | 1,2 | 5,0 | 6,5 | 8,0 |
| 3. | Ҳиссаи сайёҳӣ дар содироти ҷумҳурӣ (%) | 6,2 | 8,0 | 12,0 | 15,0 |
| 4. | Ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳаи сайҳӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо (%) | 0,07 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| 5. | Ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷети давлатӣ (%) | 0,046 | 1,0 | 1,6 | 3,0 |
| 6. | Даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (млн. сомонӣ) | 1906,8 | 4425,0 | 7080,0 | 11862,6 |
| 7. | Шумораи субъектони дар соҳаи хизматрасонии истироҳату табобат бақайдгирифташуда, адад | 230 | 300 | 410 | 500 |
| 8. | Шуғл дар соҳаи сайёҳӣ (в%) | 0,6 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| 9. | Позиция Таджикистана в рейтинге гостеприимных стран, проведённом Всемирным экономическим форумом (место РТ/количество стран) | 107/136 | 90/136 | 75/136 | 50/136 |

Эзоҳ: Нишондиҳандаҳои бандҳои 2, 3, 4, 5 ва 8 дар сутуни соли 2017 арзёбианд.

Манбаъ: Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

Чуноне аз маълумоти дар ҷадвали 5 овардашуда бармеояд, татбиқи чорабиниҳои пешбинишуда дар соли 2030 нисбат ба соли 2017 имкон хоҳанд дод, ки шумораи сайёҳон 5,8 маротиба, шумораи субъектони дар соҳаи хизматрасонии истироҳату табобат бақайдгирифташуда 2,2 маротиба, даромад аз хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ 6,2 маротиба, даромади буҷети давлатӣ аз соҳаи сайёҳӣ 3,0 маротиба зиёд шавад. Татбиқи чорабиниҳои пешбинишуда инчунин ба баланд гардидани мақоми Тоҷикистон дар раддабандии давлатҳои меҳмоннавоз, ки аз ҷониби Форуму ҷаҳонии иқтисодӣ таҳия карда мешавад, мусоидат намуда, кишвар то соли 2030 57 зина боло рафта, дар мақоми 50-ум қарор хоҳад дошт.

Дар шароити ҷумҳурии мо ба сифати самтҳои афзалиятноки рушди комплекси сайҳиву рекреатсионӣ шаклҳои зерини хизматрасониҳои сайёҳиву рекреатсионӣ дониста мешаванд: табобати санаториву курортӣ ва фароғату истироҳат; кӯҳнавардӣ, сайёҳати варзиши кӯҳгардӣ ва экологӣ; сайёҳати таърихиву шиносоӣ, мардумшиносӣ ва деҳотгардӣ; сайёҳати корӣ; рафтинг; варзиши лижаронии кӯҳӣ; ташкили шикор барои сайёҳони хориҷӣ.

Айни ҳол рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан устувор асту фазои муосиди сармоягузорӣ фароҳам омада аст ва ин имкон медиҳад то сиёсати ҳадафманди рушду такомули комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ амалӣ карда шавад. Ин имкон хоҳад дод, ки ба соҳа сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ҷалб гардад ва лоиҳаҳои ояндадори такомули соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ амалӣ гашта, соҳа ба сатҳи байналмилаӣ бароояд.

Барои ҷалби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ яке аз усулҳои самаранок баҳодиҳии рейтингии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муайян кардани рейтинги минтақаҳову ҳудудҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои нави сайёҳӣ мебошад. Бо ин

имкони ҳалли вазифаҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддати идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ муайян мегардад.

Чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад ташаккулёбӣ, рушди босамар ва такомули комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ дар заминаи инфрасохтори муносиб ба амал меояд, ки аз соҳаҳои нақлиёт, алоқа, бонкдорӣ, хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо, биржаҳо, савдо, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғ. иборат аст.

Вобаста ба ин, ташаккулёбии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ чун низоми ягонаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бунёди механизми иқтисодии самараноки амалкарди он ва инфрасохтори соҳавии ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ имкон хоҳад дод, ки фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам ёфта, рақобат-пазирии соҳа дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмин гардад.

Ҳамин тариқ, такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ, чун қисми таркибии иқтисодиёти миллии кишвар, таҳияи равиши консептуалии идоракунии ин комплексро дар назар дорад. Дар доираи равиши консептуалии мазкур қисматбандии минтақавӣ аз аҳамият холӣ нест ва он мебояд дар шакли барномаҳои алоқамандиҳои байниминтақавӣ таҳия карда шавад.

## III. ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Зимни таҳқиқоти масъалаҳои такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ дар шароити таҳкими иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаву пешниҳоди зайл ҳосил гардиданд:

1. Хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноку дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозорӣ рақобатпазири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Корхонаву муассисаҳои тиҷоративу ғайритиҷоратии давлативу ғайридавлатӣ барои қонеъ сохтани талаботи шаҳрвандони ватанӣ ва сайёҳони хориҷӣ ба сайру сайёҳати ҷолиб, истироҳат ва табобати санаторию курортӣ рақобат бо ҳам мекунанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳама намуд сайёҳӣ ба иқтисоди миллӣ саҳми мусбат мерасонад. Ин саҳм дар афзоиши ММД, ташаккули тавозуни мусбати савдо, афзоиши шуғли аҳолӣ, рушди иқтисоди минтақаҳои дорои объектҳои сайёҳию рекреатсионӣ ва ғ. зоҳир мегардад [3-М].

2. Соҳаи сайёҳию рекреатсионӣ айни замон яке аз шаклҳои фаъолияти иқтисодии муназзам тараққикунанда маҳсуб мешавад:

- бе шак сатҳи некӯаҳволии мардум баланд мегардад, яъне бо афзудани некӯаҳволии моддии аҳолӣ, синфи миёнаҳоли ҷомеа зиёд мегардад;
- вақти кории одамон каму вақти озодашон бештар мегардад;
- шаҳрнишинии одамон ба пайдо шудани шаклҳои нави хизматрасониҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад;
- ҷараёнҳои мусбати демографӣ дар ҷамъият афзоиши хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсиониро ҳавасманд месозанд;
- тағйиротҳои технологӣ, бе шубҳа, ба баланд гардидани сифати хизматрасониҳо хоҳанд овард [9-М].

3. Аз сабаби афзудани талаботи мардум ба хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ мебояд чандин вазифаи печидаву мушкили таҳия ва татбиқи равишҳоро дар банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ ва назорат, ба ибораи

дигар дар идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ ба ҳайси низоми иҷтимоӣ-иқтисодии том ҳал кард.

Махсусияти комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, ки аз характери бисёрфунксионалӣ ва байнисоҳавӣ будани муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ин соҳа бар меояд, ба ташаккулдиҳии низоми идоракунии ин комплекс талаботҳои иловагӣ бор мекунад [4-М].

4. Комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар чун низоми томи иборат аз зернизомҳои табиӣ, табобативу солимгардонӣ ва иҷтимоиву фарҳангии бо ҳам алоқаманди як қаламрав дониста мешавад. Мувафиқан, минтақаи сайёҳиву рекреатсионӣ он ҳудудеро медонем, ки дар он захираҳои сайёҳиву рекреатсионӣ таҷаммуъ (консентратсия) буда, онҳоро реҷаи ягонаи хоҷагидорӣ ва истифодаи сарватҳои табиӣ муттаҳид карда, дар он ҷо ҳифзу нигоҳдошти захираҳои сайёҳиву рекреатсионӣ таъмин мегардад [10-М].

5. Ба ташаккулёбӣ ва рушди комплекси сайёҳию рекреатсионии кишвар, инчунин такмилдиҳии низоми идоракунии он омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- заминаҳои институтсионалии рушдёфтаи соҳаи сайёҳӣ;
- шарту шароити нархгузорӣ ба хизматрасониҳои сайёҳиву рекреатсионӣ;
- сиёсати давлатии дастгирии соҳаи сайёҳӣ;
- сиёсати ҷалби сармоягузориҳо баҳри рушду такомули сайёҳӣ ва инфрасохтори он;
- баланд гардидани қобилияти пардохтпазирии сайёҳону рекреантҳо;
- сатҳи сифати хизматрасониҳои сайёҳию рекреатсионӣ;
- рушди иқтисодиёти миллӣ [1-М].

6. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори азими рекреатсионӣ мебошад, алахусус, агар гуногунӣ ва гоҳо нодир будани захираҳои табиӣ, мавҷудияти ёдгориҳои таърихии манотиқи кишварро ба инобат гирем. Аммо, такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, зарурати рушди пешафзуни он ва фаъолтар мутобиқсозии он ба муҳити зудтағйирёбанда тақвияти чораҳои таъсири давлатиро дар самти танзими фаъолияти корхонаву муассисаҳои соҳаро новобаста аз шакли моликияташон дар назар дорад. Дар доираи танзими давлатӣ ду самти асосӣ аҳамияти махсус касб мекунанд: (1) дастгирии давлатии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ (ҳавасмандсозии иқтисодӣ тавассути чораҳои пулию молиявӣ); (2) такмилдиҳии фазои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти он [11-М].

**Б) Тавсияҳо баҳри истифодаи амалии натиҷаҳо**

7. Ба чораҳои муассири сиёсати давлатии рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, пеш аз ҳама, чораҳои дастгирии мустақимро мебояд мансуб донист. Шакли бештар муносиби амалисозии сиёсати давлатӣ таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди комплексҳои сайёҳату рекреатсия дар ҳудудҳои мувофиқ мебошад. Ин маврид диққати бештар ба рушди сайёҳӣ мебояд дод.

Зимни ҳалли вазифаҳои мазкур истифодаи таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ маҳсулнок буда метавонад. Албатта, ин таҷриба бояд эҷодкорона бознигарӣ шавад ва марбут ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи алоҳидаи он тасҳеҳ гардад.

Барои он ки сарамоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири муфид дошта бошанд, мебояд бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марказҳои сайёҳӣ дар алақамандии бевосита бо иқтисодиёти маҳал сурат гирад [7-М].

8. Такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳию рекреатсионӣ ба рушди ҳама шаклҳои сайёҳӣ равона шудааст, аммо ба дастгирии махсуси давлатӣ сайёҳии дохилӣ ва сайёҳии иҷтимоӣ ниёз доранд, зеро бо мусоидат намудан ба сайёҳии дохилӣ барои оммаи зиёди мардум имкони сайру сайёҳат, истироҳату фароғат ва барқарор намудани қобилиятҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меояд ва зимни дастгирии сайёҳии иҷтимоӣ бошад қишрҳои осебпазири аҳолӣ аз парастории мустақими давлат бархӯрдор мешаванд.

Сайёҳии дохилӣ таконбахши рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои кишвар, шаҳрҳои хурду миёна, деҳоти ҷумҳурӣ буда, ба ҳадафи истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ созгор буда, барои дар манотиқи ҷудогонаи кишвар ташаккул ёфтани маҷмӯи муассисаҳои инфрасохтор ва соҳаҳои хизматрасонӣ мусоидат мекунад. Ин имкон хоҳад дод, ки захираҳои меҳнатӣ оқилонатар истифода гарданд, ба зудӣ пардохтҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ афзоянд, бозори истеъмолии маҳаллӣ тавсеа ёбад, соҳаи кишоварзии маҳаллӣ тақвият ёбад [15-М].

9. Сайёҳии иҷтимоиро мо на танҳо аз мавқеи парастории қишрҳои осебпазири аҳолӣ баррасӣ мекунем, балки, ба ақидаи мо, сайёҳии иҷтимоӣ ин тарзи дастгирии (ҳавасмандгардонии) давлатии (маҳаллии) шаклҳои гуногуни сайёҳии оммавӣ (рекреатсионӣ, фарҳангӣ-маърифативу маданӣ-равшаннамоӣ, табобатӣ ва ғ.) мебошад. Бидуни шубҳа дастгирии сайёҳии иҷтимоӣ аз афзалиятҳои сиёсати давлат дар ин самт аст. Сайёҳии иҷтимоӣ ба доираи васеи истеъмолкунандагони потенсиалӣ, ки бо сабаби аз қишри осебпазир будан аз чунин хизматрасониҳо истифода бурда наметавонанд, имкони баҳра бардоштан аз бартариҳои сайёҳиро медиҳад. Дастрас будани сайёҳии иҷтимоӣ ба қишрҳои мухталифи аҳолӣ ҳамзамон бо пешбурди сиёсати иҷтимоии муносиб омили қавии таконбахши рушди иқтисодӣ мебошад [18-М].

10. Ба самтҳои муҳимми такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон инҳоро нисбат дод:

- таҳияи кадастри минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионии дастрас барои бунёди объектҳои саноати сайёҳӣ. Ба кор андохтани истифодаи кадастр ба пойдоршавии шафофияти амалиётҳо дар минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионӣ мусоидат намуда, пеши роҳи дидаву дониста бастани шартномаҳои ғайриқонуниро мегирад. Сармоягузор ба чунин рӯйхати боэътимод муроҷиат карда, аз амалҳои қаллобии шахсони сеюм то ҳадде эмин мемонад;

- бартараф кардани монеаҳо аз роҳи субъектони соҳибкории хурду миёна зимни воридшавии онҳо ба бозори сайёҳӣ ва фаъолият дар он тавассути мукаммалгардонии базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва коркарди механизмҳои таъсирбахши назорати иҷрои ин санадҳо;

- таҳия ва ҷорӣ намудани ҳадди ниҳоии талаботи тахассусӣ барои баъзе касбҳои фаъолияти сайёҳиву рекреатсионӣ, он фаъолиятҳое, ки уҳдадориҳои вазифавии онҳо дониш, таҷриба ва малакаи махсуси касбиро тақозо менамоянд;

- таҳия ва татбиқи механизмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодие, ки барои фароҳам сохтани фазои мусоиди сармоягузорӣ баҳри рушду такомули саноати сайёҳӣ мусоидат мекунанд;

- коркард намудан ва мавриди истифода қарор додани сомонаҳои интернетии муаррифгари иқлиму табиат, захираҳои бои обҳои маъдуниву кӯҳҳои нотакрори ҷумҳурӣ, яъне муаррифии ҷумҳурӣ чун кишвари дорои иқтидори бузурги сайёҳиву рекреатсиониашш истифода нагардида [23-М].

11. Такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ таъсиси сохторҳои мухталифи давлатиро дар сатҳҳои гуногун дар назар дорад.

Баромадани минтақаҳои махсуси сайёҳиву рекреатсионӣ ба масири рушди босубот аз устувории макроиқтисодӣ вобастагии амиқ дорад. Барои баланд бардоштани устувории рушди минтақаҳо чораҳои иқтисодие, ба монанди бартараф кардани монеаҳои рушди соҳибкории хурд, миёна ва калон; зимни ба роҳ мондани хизматрасониҳои нави сайёҳӣ-рекреатсионӣ иштироки фаъолтари давлат дар тақсим ва паст кардани таваккали иқтисодӣ; кам кардан ва ё пурра аз байн бурдани чораҳои маъмурӣ ва молиявие, ки садди роҳи ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунии рушди минтақавӣ мегарданд, талаб мешавад [5-М].

12. Ба андешаи мо, барои ҳалли вазифаҳои дар назди идоракунии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон буда, андешидани чунин чорабиниву фароҳам сохтани шароитҳои зайл талаб мешавад:

- иродаи сиёсии давлат доир ба ташаккули барномаи мақсадноки рушди бозори хизматрасониҳои экологӣ дар соҳаи рекреатсия;

- муккамалгардонии қонунгузории экологӣ. Таҳияи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи андозбандии имтиёзноки даромади корхонаҳои кору хизматҳои экологӣ мерасонда ва ё маҳсулоти таъйиноти экологӣ истеҳсол мекарда, аз ҷумла дар соҳаи рекреатсия;

- тақвияти маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз сарчашмаҳои гуногун;

- иваз намудани модели анъанавии истифодаи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла гузаштан ба истифодаи оқилонаву рекреатсионии захираҳои замин, об ва ҷангал;

- муккамалгардонии механизмҳои тағйирдиҳии шакли моликият ва хариду фурӯши объектҳои хоҷагӣ бо назардошти муҳофизату барқарорсозии муҳити табиат (аз ҷумла, уҳдадориҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои барқарарсозию эҳёгарӣ дар минтақаҳои рекреатсионӣ);

- баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маърифати экологии аҳолии мамлакат (аз рӯи муҳиммият ин банд бояд афзалиятнок ишора шавад) [8-М].

13. Тадқиқи ҳолат ва муаммоҳои рушди комплекси сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ имкон дод, ки самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди комплекси сайёҳиву рекреатсиониро бо назардошти хусусиятҳои талабот ба хизматрасониҳои соҳаи сайёҳии ватанӣ ва ҳолати бозори сайёҳии хориҷӣ муайян созем:

- таъмини воқеии афзалиятҳои давлатии дастгирии сайёҳии иҷтимоӣ;

- бо назардошти шумораи пешбинишавандаи сайёҳони хориҷ ба таври кофӣ харидорӣ, бунёд ва мавриди баҳрабоардорӣ қарор додани воситаҳои

моддӣ-техникӣ, нақлиёт, маконҳои намоишдиҳӣ, иншоотҳои варзишӣ, инчунин омода намудани мутахассисони дорои маълумоти миёна ва олии касбӣ барои соҳа;

- рушди инфрасохтори умумииқтисодӣ ва хизматрасониҳои комуналӣ дар марказҳои сайёҳӣ;
- омодасозии мутахассисон дар сатҳи ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ;
- ташкили низоми боэътимоди амнияти сайёҳон;
- ҳамгироии ҷумҳурӣ ба низоми бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- мусоидат намудан ба рушд ва татбиқи технологияҳои пешрафтаи хизматрасонии сайёҳон дар бозори дохилӣ;
- фароҳам сохтани шароитҳо барои рушди сайёҳии дохилӣ ва воридотӣ;
- рушди илми сайёҳӣ, ки тадқиқотҳои бунёдиву комплексии дар бораи рушди сайёҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа анҷом диҳад [2-М].

## IV. РӮЙХАТИ КОРҲОИ АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ НАШРШУДА

**а) Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашррасида:**

[1-М] Одилова Р.К. Постановка организационно - методических проблем создания и развития рекреационного комплекса в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2011. - №12 (76). - С. 111-116 (0,4).

[2-М] Одилова Р.К. Обоснование региональной политики страны и поддержка развития туристско-рекреационного комплекса страны // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2011. - №12 (76). - С. 62-65 (0,2).

[3-М] Одилова Р.К. Проблемы формирования и развития регионального туристско-рекреационного комплекса в республике Таджикистан // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2012. - №1 (30). - С. 56-64 (0,56).

[4-М] Одилова Р.К. Проблемы развития туристско-рекреационной деятельности в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2012. – №2 (45). - С. 197-199 (0,2).

[5-М] Одилова Р.К. Таҳлили қиёсии рушди минтақаҳои сайёҳӣ-рекреатсионии Тоҷикистон // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2012. – №2 (45). - С. 206-209 (0,25).

[6-М] Одилова Р.К. Проблемы подготовки кадров в рекреационной сфере // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе 2015. - № 6 (49). - С. 141-146 (0,37).

[7-М] Одилова Р.К. Таҳлили ташкили идораи соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Точикистон // Вестник ТНУ. - Душанбе, 2016. - № 2/1 (193). - С. 174-178 (0,3).

[8-М] Одилова Р.К. Роль государственной независимости в укреплении ценностей природного туризма страны // Вестник Педагогического университета (Естественных наук). – Душанбе, 2019. - № 1-2 (1-2). - С. 93-99 (0,4).

[9-М] Одилова Р.К. К вопросу о развитии туристско-рекреационной сферы в Таджикистане // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2020. - № 1 (69). - С. 71-78 (0,5).

[10-М] Одилова Р.К. Формирование системы управления туристско-рекреационным комплексом/Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». - Душанбе, 2020. - №2 (70). - С. 82-86 (0,3).

[11-М] Одилова Р.К. Некоторые методы управления туристско-рекреационным комплексом страны // Журнал Института экономики и демографии НАНТ «Экономика Таджикистана». – Душанбе, 2020. - № 2. - С. 127-130 (0,25).

[12-М] Одилова Р.К. Институциональные вопросы развития рекреационно-туристской сферы в Республике Таджикистан // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2020. - № 3(84). – С. 55-63.

[13-М] Одилова Р.К. Краткая характеристика зарубежного опыта управления туристско-рекреационным комплексом //Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2020. - № 4 (72), - С. 119-130 (0,75).

[14-М] Одилова Р.К. Особенности управление персоналом в туристско-рекреационном комплексе// Журнал Института экономики и демографии НАНТ «Экономика Таджикистана». – Душанбе 2020. – № 4. - С. 127-130 (0,25).

[15-М] Кодирзода Д.Б., Одилова Р.К. Территориальный аспект управления туристско-рекреационным комплексом // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте РТ «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2021. - №1 (73).

[16-М] Кодирзода Д.Б., Одилова Р.К. К вопросу о формировании правовой базы регулирования туристско-рекреационным комплексом // Государственное управление. Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. – № 2(51). – С. 15-21 (0,37).

**б) Мақолаҳо дар дигар нашриҳои илмӣ:**

[17-М] Одилова Р.К. Таджикистан: процесс реформ необратим / Переходная экономика. Теория и практика. Специфика рыночной трансформации в Казахстане и Центральной Азии. Сравнительные перспективы. Летний университет. – Алматы, 2000. – С. 111-117 (0,4).

[18-М] Одилова Р.К., Махмадиев И.М. Развитие туризма как способ интеграции горных территорий Таджикистана в мировую экономику // Вестник Института предпринимательства и сервиса (научно-теоретический журнал). – Душанбе, 2002. – №8. - С. 134-137 (0,25).

[19-М] Одилова Р.К. Воздействие социальной политики на развитие санаторно-оздоровительного комплекса горных регионов Республики Таджикистан в условиях перехода к рынку /Экономические проблемы сокращения уровня бедности в Республике Таджикистан//Материалы республиканской научно-практической конференции (21-22 октября 2004 года). – Душанбе, 2004 г. – С. 190-193 (0,25).

[20-М] Одилова Р.К. Гендерные особенности женской занятости // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2005. – №1 (5). - С. 71-80 (0,8).

[21-М] Одилова Р.К. Предпосылки и перспективы рекреационного развития горных территорий /Материалы Научно-теоретической конф. профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 60-летию победы в Великой отечественной войне «Во имя мира и счастья на Земле». Ч.1. – Душанбе, 2005. (на тадж. яз.). – С. 127-128 (0,1).

[22-М] Одилова Р.К. Некоторые вопросы продовольственной безопасности в горных регионах Республики Таджикистан /Материалы республиканской научно-практической конференции «продовольственная безопасность Республики Таджикистан». – Душанбе, 2005. – С. 229-232 (0,4).

[23-М] Одилова Р.К. Предпосылки формирования горно-рекреационных комплексов / Материалы Научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «15-й годовщине Независимости Республики Таджикистан», «2700-летию города Куляба» и «Году арийской цивилизации». Ч.1. – Душанбе, 2006. – С. 180-181 (0,1).

[24-М] Одилова Р.К. Состояние и перспективы развития туризма в Республике Таджикистан /Материалы Научно-теоретической конф. профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «800-летию поэта, великого мыслителя Мавлоно Джалолиддина Балхи» и «16-й годовщине Независимости Республики Таджикистан». Ч.1. – Душанбе, 2007. – С. 273-274 (0,1).

[25-М] Одилова Р.К. Особенности функционирования и развития отрасли туризма в Республике Таджикистан /Проблемы управления социально-экономическими процессами в Республике Таджикистан //Республиканский круглый стол (27 марта 2008 г.). – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 164-168 (0,3).

[26-М] Одилова Р.К. Социально-экономическая стратегия регулирования развития рекреационных зон в регионе /Региональная политика как часть национальной стратегии развития //Материалы респуб. научно-практической конференции (17-18 декабря 2009). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 104-111 (0,5).

[27-М] Одилова Р.К. Социальные аспекты качественного демографического роста /Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 20-летию государственного образования Республики Таджикистан и 60-летию Академии наук РТ, Институт демографии (24 мая 2011 г.). – Душанбе, 2011. – С. 113-121 (0,56).

# АННОТАЦИЯ

на диссертационную работу Одиловой Рухшоны Комиловны на тему: **«Совершенствование системы управления туристско-рекреационным комплексом Республики Таджикистан»** представленная на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности: 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством (менеджмент)

В диссертации отражена актуальность исследования, выбранные цели и задачи, уровень и масштаб исследования управления туристско-рекреационного комплекса на основе различных научных идей. Расширены основные вопросы теории и методологии совершенствования системы управления туристско-рекреационным комплексом, выявлены направления их развития, обоснована практическая значимость исследования.

Пояснен и анализирован механизм управления туристско-рекреационным комплексом, раскрыты концептуальные подходы к управлению туристско-рекреационным комплексом, предпосылки и условия его формирования, а также методы оценки туристско-рекреационного потенциала. Опираясь на исследования передового зарубежного опыта выработаны рекомендации по совершенствованию системы управления отрасли.

В диссертации проведен анализ становления и развития системы управления туристско-рекреационного комплекса Республики Таджикистан, его состояние и тенденции развития, исследуются государственные и рыночные механизмы регулирования индустрией туризма, обоснована необходимость сочетания государственного и рыночного механизмов регулирования в условиях становления рыночной экономики.

В диссертации автором предложены научно обоснованные направления совершенствования системы управления туристско-рекреационным комплексом страны, методы и механизмы реализации стратегии развития туристское отрасли в среднесрочной перспективе.

В заключении, на основе проведенного исследования и анализа современного состояния управления туристско-рекреационного комплекса представлены выводы и рекомендации по совершенствованию управления туристско-рекреационным комплексом Республики Таджикистан

**Ключевые слова**: туризм, рекреация, система управления, механизмы управления, методы управления, туристско-рекреационный комплекс, туристско-рекреационные зоны, туристско-рекреационный потенциал, туристско-рекреационные услуги, региональные программы развития туризма.

# АННОТАТСИЯИ

рисолаи диссертатсионии Одилова Рухшона Комиловна дар мавзӯи:
**«Такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи тахассуси: 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод шудааст

Дар диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, мақсаду вазифаҳои он ишора ва дараҷаву микёси тадқиқи мавзӯи идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ аз ҷониби мактабҳои гуногуни илмӣ инъикос гардидааст. Шарҳи масоили асосии назария ва методологияи такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ тавсеа гардида, самтҳои асосии рушди онҳо ошкор ва аҳамияти амалии тадқиқот асоснок шудааст.

Механизми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ тавзеҳу таҳлил гардида, равишҳои консуптуалии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ ва заминаву шароитҳои ташаккули он, инчнин усулҳои арзёбии иқтидори сайёҳиву рекреатсионӣ ошкор гардидааст. Дар асоси тадқиқи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ тавсияҳо баҳри такмилдиҳии низоми идоракунии соҳа таҳия шудааст.

Дар рисалаи диссертатсионӣ низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолату тамоюли рушди он таҳлил шуда, механизмҳои танзими давлатӣ ва бозории соҳаи сайёҳӣ тадқиқ гардида, дар шароити пойдоргардии муносибатҳои бозорӣ зарурати корбурди тавъами механизмҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ асоснок гардидааст.

Муаллиф дар диссертатсия самтҳои илман асосноки такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии кишварро ва, инчунин, усулҳову механизмҳои татбиқи стратегияи рушди соҳаи сайёҳиро дар давраи миёнамӯҳлат пешниҳод кардааст.

Дар хотима бо такя ба тадқиқоти анҷомшуда ва таҳлили ҳолати кунунии идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ хулосаву тавсияҳо баҳри такмилдиҳии низоми идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**Калидвожащо**: сайёҳӣ, рекреатсия, низоми идоракунӣ, механизмҳои идоракунӣ, усулҳои идоракунӣ, комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ, минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионӣ, иқтидори сайёҳиву рекреатсионӣ, хизматрасониҳои сайёҳиву рекреатсионӣ, барномаҳои минтақавии рушди сайёҳӣ.

## ANNOTATION

for the dissertation work of Odilova Rukhshona Komilovna on the topic: "Improving the management system of the tourist and recreational complex of the Republic of Tajikistan" presented for the degree of candidate of economic sciences in the specialty: 08.00.05 - Economics and management of the national economy (management)

The dissertation reflects the relevance of the research, the chosen goals and objectives, the level and scope of the study of the management of the tourist and recreational complex based on various scientific ideas. The main questions of the theory and methodology of improving the management system of the tourist and recreational complex are expanded, the directions of their development are identified, and the practical significance of the study is substantiated.

The mechanism of management of the tourist and recreational complex is explained and analyzed, conceptual approaches to the management of the tourist and recreational complex, the prerequisites and conditions for its formation, as well as methods for assessing the tourist and recreational potential are revealed. Based on the research of advanced foreign experience, recommendations were developed for improving the industry management system.

The dissertation analyzes the formation and development of the management system of the tourist and recreational complex of the Republic of Tajikistan, its state and development trends, examines the state and market mechanisms for regulating the tourism industry, substantiates the need to combine state and market mechanisms of regulation in the conditions of the formation of a market economy.

In the dissertation, the author proposes scientifically grounded directions for improving the management system of the country's tourism and recreation complex, methods and mechanisms for implementing the strategy for the development of the tourism industry in the medium term.

In conclusion, based on the study and analysis of the current state of management of the tourist and recreational complex, conclusions and recommendations for improving the management of the tourist and recreational complex of the Republic of Tajikistan are presented.

**Key words:** tourism, recreation, management system, management mechanisms, management methods, tourist and recreational complex, tourist and recreational zones, tourist and recreational potential, tourist and recreational services, regional tourism development programs.

Сдано в набор 22.05.2021 г. Подписано в печать 25.05.2021 г.
Формат 60x84 1/16. Бумага офсетная. Усл. п.л. 3,62
Заказ №39. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ТНУ
г. Душанбе, Буни Хисорак корпус 14.

Ба матбаа 22.05.2021 супорида шуд.
Ба чопаш 25.05.2021 имзо шуд.
қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. ҷузъи чопӣ 3,62
Супориши №39. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14